**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 4 марти соли 2023, таҳти №22 дар бораи сазовор донистани Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар таърихи 26.11.2022 сол, суратҷаласаи №10 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ, унвонҷӯ Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз 28-уми ноябри соли 1981 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2000 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2005 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм кардааст. Соли 2018 Донишкадаи (ҳоло Академия) идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз аз соли 2008 то соли 2011 дар Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар в. Хатлон ва аз соли 2011 то инҷониб дар мақомоти прокуратура фаъолият менамояд. Айни ҳоли ба ҳайси прокурори ноҳияи Вахш иҷрои вазифа намуда истодааст.

Аз соли 2017 то соли 2020 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Мавзуи диссертатсия – «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 3-юми апрели соли 2017 суратмаҷлиси №09 (14-15) тасдиқ гардидааст.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 4-уми августи соли 2020, таҳти №4004 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудаанд:

1. Таърих ва фалсафаи илм – 4 «хуб», аз 18.12. 2019 с.
2. Забони хориҷӣ (англисӣ) – 4 «хуб», аз 05.03.2020 с.
3. Ихтисос – 12.00.02. – 5 «аъло», аз 25.04.2020 с.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ (2.04.2022, с/м №8) ва ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (8.10.2022) муҳокима гардида, аз 8-уми октябри соли 2022, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Муқарризони расмӣ:**

**Элназаров Давлатшо Хоҷаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

**Бобоев Анварбек Хӯҷаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби ташхисгар сардари кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Каримзода Умар Карим омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, сардори факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мансурзода Амиршоҳ Мансур ва котиби ҷаласа, Қурбонзода Ҷамила Ғолиб сардори кабинети кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо ва аз ҷониби сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ санаи 08.02.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1–М].** Исмоилзода С.А. «Участие органов прокуратуры Республики Таджикистан в правотворческой деятельности» [Текст] / С.А. Исмоилзода, Б.А. Сафарзода // Правовая жизнь. – 2018. – № 4 (24). – С. 152-160.

**[2–М].** Исмоилзода С.А. «Мақоми прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / С.А. Исмоилзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми II. – 2019. – № 5. – С. 226-233.

**[3–М].** Исмоилзода С.А. «Конституционно-правовые основы взаимодействия Маджлиси Оли Республики Таджикистан и органов прокуратуры» [Текст] / С.А. Исмоилзода // Правовая жизнь. – 2019. – № 2 (26). – С. 101-116.

**[4–М].** Исмоилзода С.А. «Хусусиятҳои хоси мақомоти прокуратура ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / С.А. Исмоилзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – № 3 (27). – С. 90-98.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5–М].** Исмоилзода С.А. Место прокуратуры в системе разделения властей в Республике Таджикистан [Текст] / С.А. Исмоилзода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 4 (08). – С. 134 -144.

**[6–М].** Исмоилзода С.А. Взаимодействие органов прокуратуры и

Конституционного суда Республики Таджикистан [Текст] / С.А. Исмоилзода // Маводҳои VI конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқшиносӣ». – Душанбе, 2019. – С. 359-363.

**[7–М].** Исмоилзода С.А. Характеристика прокуратуры как органа государственной власти [Текст] / С.А. Исмоилзода // Государствоведение и права человека. – 2018. – № 3 (11). – С. 139-145.

**[8–М].** Исмоилзода С.А. Взаимодействие органов прокуратуры и суда в рамках гражданского судопроизводства [Текст] / С.А. Исмоилзода // Публичная власть: реальность и перспективы: сб. науч. тр. по материалам V Ежегодных Саратовских административно-правовых чтений (Междунар. научно-практ. конф.) (Саратов, 20-21 сентября 2019 г.); сост.: А.Ю. Соколов, Ю.В. Соболева; ФГБОУ ВО «Саратовская государственная юридическая академия». – Саратов: ИП Коваль Ю.В., 2019. – С. 180-183.

**[9–М].** Исмоилзода С.А. Ташаккул ва инкишофи прокуратура дар Тоҷикистон [Матн] / С.А. Исмоилзода, Б.А. Сафарзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуҳи инсон. – 2019. – № 3 (15). – С. 22-48.

**[10–М].** Исмоилзода С.А. Роль Президента Республики Таджикистан в организации деятельности органов прокуратуры в Таджикистане [Текст] / С.А. Исмоилзода // Материалы Республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». (12 ноября 2021 года). – 2021. – С.11-15.

**[11–М].** Исмоилзода С.А. «Инкишофи мақомоти прокуратура дар Точикистон дар даврони истиқлолият» [Матн] / С.А. Исмоилзода, А.М. Диноршоев. // Материалы X Международной научно-практической конференции «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». (28 октября 2022 года). –Душанбе, 2022 – С. 180-184.

**[12–М]** Исмоилзода С.А. «Мавқеи прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / С.А. Исмоилзода, А.М. Диноршоев // Материалы Республиканской научно-практической конференции «Конституция – как фактор стабильности государства» (05 ноября 2022 года). – Душанбе, 2022. – С. 150-163.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Ғафурзода А.Д.** – Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Каримзода К.М.** – муовини Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ;

**Нематов А.Р.** – Сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Соибов З.М.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснок ва тавсиявӣ дошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, мафҳуми мақомоти прокуратура, таърихи ташаккули падидаи мазкур, мақом ва нақши мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар камбудиҳоро фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– нақш ва мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми механизми тақсимоти ҳокимият ва низоми "боздорӣ ва мувозинат" тавассути муқоиса намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро муайян намудааст;

– функсияҳои прокуратура ҳамчун институти давлатӣ-ҳуқуқӣ таҳлил гардида, самти назорати прокурорӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ нишон дода шудааст;

– таклифҳо ҷиҳати такмил додани сохтори мақомоти прокуратура ва нақши он дар низоми мақомоти конститутсионии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад;

– оид ба таҳаввулоти мақомоти прокуратура ва назорати прокурорӣ дар таърихи давлатдории Тоҷикистон таҳқиқот гузаронида шудааст;

– принсипҳо ва сиёсати ҳуқуқмуҳофизавӣ, ки замони ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистон истифода мегардиданд ва арзишҳои аслӣ дар заминаи фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавии мақомоти прокуратура дар давраи зикргардида муайян гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** асосҳои назариявии таҳқиқот доир ба ҷойгоҳ ва нақши мақомоти прокуратура дар дастгоҳи идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ташкил дода, тамоюли рушди ҷомеаи демократиро дар замони муосир муайян менамояд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монанди:** усулҳои умумиилмӣ (диалектикӣ, моддӣ, низомнок, сотсиологӣ, функсионалӣ, ҳуқуқӣ), умумимантиқӣ (аз абстрактӣ ба мушаххас ва аз умумӣ ба хусусӣ) ва илмӣ-хусусӣ (масалан, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва ғ.) ва дигар усулҳо истифода шудаанд. Истифодаи усулҳои мазкур дар алоқамандӣ бо дастовардҳои охири фалсафӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ имконияти анҷом додани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти прокуратураро ба миён оварда, масъалаҳои функсионалӣ, фаъолияти назоратии прокуратура ва механизми мутақобилаи ӯро бо дигар мақомоти давлатӣ (аз ҷумла, суд) дар сатҳи қонуни конститутсионӣ муайян ва баррасӣ намуданд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд,** ки баҳсҳои ҷойдошта оид ба мавқеъ ва нақши мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо пешниҳод намудани усулҳои нав дар сохтори ташкилии прокуратура, ба таври амиқ муайян намудани функсия ва самтҳои фаъолияти он роҳи ҳалли худро пайдо намуда, барои самаранок анҷом додани назорати прокурорӣ, инчунин таъмин намудани сатҳи олии қонуният нақши муҳимро иҷро хоҳад намуд. Махсусан, дар он сухан оид ба мақомоти бисёрҷанбаи конститутсионӣ меравад, ки аз номи давлат функсияи назоратиро ҷиҳати иҷроиши меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо ба роҳ мемонад. Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур зарур аст, ки як қатор тадбирҳои судманд ҷиҳати беҳтар намудани сохтори дохилии мақомоти прокуратура, ташкил ва татбиқи назорати прокурорӣ андешида шаванд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад бо имконияти истифода бурдани асосҳои назариявӣ, хулоса ва тавсияҳо ҳангоми такмили қонунгузорӣ маҳдуд нагардида, балки он метавонад дар фаъолияти прокурорҳо, судҳо, мақомоти таҳқиқ, ҳангоми фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии ихтисоси “ҳуқуқшиносӣ”, инчунин дар низоми такмили ихтисос ва рушди касбии судяҳо, прокурорҳо ва дигар кормандони мақомоти давлатӣ ва муассисаҳо, ки дар соҳаи ҳуқуқ кору фаъолият менамоянд, таъсири мусбати худро гузорад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

– тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи гузаронидани таҳқиқот оид ба таҳаввулоти мақомоти прокуратура ва назорати прокурорӣ дар таърихи давлатдории Тоҷикистон, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи мақомоти прокуратура анҷом дода шудааст;

– аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, таҳлили маводи таҷрибаи мақомоти прокуратура оварда шудаанд, бармеояд;

– ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили конститутсияҳо ва санадҳои қонунгузории ИҶШС, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, қонунҳои ҷорӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, амр ва фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайра ба даст омадаанд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар заминаи таҳқиқоти анҷомпазируфта чунин тавсияҳои илмӣ бо мақсади такмили қонунгузории танзимкунандаи вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ манзур карда мешаванд:

1. Пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 1-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйирот ворид гардида, он дар чунин шакл муқаррар карда шавад: "Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашудаи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад”. Дар чунин сурат, ҳама баҳсҳо доир ба табиати ҳуқуқии прокуратура ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз байн меравад.

2. Зарур аст, ки номи моддаи 11-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба «иштироки прокурор дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» иваз карда шавад. Зеро прокуратура дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок менамояд, на дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ. Инчунин, зарур аст, ки масъалаи ба прокуратура додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ баррасӣ карда шавад. Аз сабаби он, ки прокуратураро ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ маънидод намудем, дар сурати додани чунин ҳуқуқ ба ӯ мавқеъ ва

накши он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ боз ҳам баланд хоҳад шуд.

3. Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" чунин меъёр дохил карда шаванд: "Агар аксарияти шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз додани розигӣ ба таъини Прокурори генералӣ, муовини якум ва муовинони ӯ худдорӣ намоянд, Президент метавонад номзадии ӯро бори дигар пешниҳод намояд ва ё нафари дигарро ба сифати номзад пешбарӣ намояд".

4. Зарур аст, ки ба моддаи 36-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйирот бо муқаррар намудани асосҳо ва шакли иштироки прокурор дар парвандаҳое, ки аз ҷониби Суди конститутсионӣ баррасӣ мегарданд, ворид карда шавад. Инчунин ба Прокурори генералӣ ҷиҳати иштироки ӯ дар мурофиаҳои Суди конститутсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дода шавад. Чунин муқаррарот ҳамзамон бояд дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дарҷ карда шавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро пажуҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурӣ, соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, соҳаи назорати прокурорӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла навгониҳои назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, тавсияҳои амалии рисола аз ҷониби муаллиф шахсан ба даст оварда шудаанд; дар пешниҳоди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳалли мушкилоти мубрам оид ба ҷойгоҳи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифода меёбад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 4-уми марти соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд

тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**

**4-уми марти соли 2023**